**ХУЛОСАИ**

**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 037-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**дар бораи диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**

*Парвандаи аттестатсионии №11*

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 22-юми феврали соли 2023-юм**

дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович додани дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи **Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович** дар мавзуи **«Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии моваруннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович, соли таваллудаш 1960-ум, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1982-юм шуъбаи рӯзонаи факултети филологи точики Донишкадаи давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров (ҳоло «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»)-ро бо ихтисоси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик бо баҳои хубу аъло хатм намудааст.

Солҳои 2012-2016-ум унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» буда, кори диссертатсиониашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Аз сентябри соли 2011-ум ба ҳайси омӯзгор, аз соли 2015-ум саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 1-уми октябри соли 2021-ум то имрӯз ба ҳайси сардори шуъбаи илми муассисаи зикршуда фаъолият карда истодааст.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Файзиева Сарвархон Аҳмадовна** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсент **Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна,** ташхисгар, доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** ва котиби ҷаласа саромӯзгори кафедраи зикргардида, номзади илми филология **Ҳамроев Озодбахт Абдуалимович** расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Диссертатсия ба таҳқиқи усулҳои маҳфузмонии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии "Ғиёс-ул-луғот"-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бахшида шуда, пажуҳиши илмӣ мутобиқ ба талаботи меъёрӣ ҳаллу фасл гардидааст. Муҳаққиқ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар заминаи сарчашмаҳои муътабари илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, чордаҳ банд, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва номгӯйи интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи рисола иборат аст.

Диссертатсияи **Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович** дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) арзанда мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ҷой дода шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзуъву муҳтавои диссертатсия мебошанд.

**Мақолаҳое, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Пойдормонии бархе аз калимоти як луғатномаи муътабари асри Х1Х дар лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ [Матн] // Номаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров / А. Раҳимов. –Хуҷанд, 2012. № 5 (33). –С. 51- 56.

**[2-М].** Робитаи бархе афъоли «Ғиёс–ул-луғот» бо феълҳои лаҳҷаҳои ҳозира [Матн] // Ахбори ДДҲБСТ / А. Раҳимов. –Хуҷанд. – 2013. № 4 (56). – С. 266- 270.

**[3-М].** Ҷуғрофияи густариши вожаҳо аз назари Ромпурӣ [Матн] /А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / А. Раҳимов. –Душанбе: Сино, 2015. № 4 /3 (167). –С. 48 – 50.

**[4-М].** Шарҳи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» ва муқоисаи онҳо бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи забонҳо. № 2(46), 2022. –С.52-57.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[5-М].** Роҳҳои зикри унсурҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс–ул–луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ [Матн] // Туҳфаи аҳбоб / А. Раҳимов. –Хуҷанд: Ношир, 2012. –С. 435-440.

**[6-М].** Лексикаи « Ғиёс–ул–луғот » ва вожаҳои лаҳҷавии ҳозира [Матн] // Шукӯҳи маърифат /А. Раҳимов. –Хуҷанд: Ношир, 2013. –С. 292-297.

**[7-М].** Муносибати вожаҳои «Ғиёс–ул–луғот» бо унсурҳои луғавии лаҳҷаҳои кунунии тоҷикӣ [Матн] // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ /А. Раҳимов. –Кӯлоб, 2013. № 1, 2 (8-9). –С. 273-276.

**[8-М].** Муҳаммад Ғиёсуддин ва муносибати маҳаллии вожаҳо [Матн] // Ахтари ирфон /А. Раҳимов. –Хуҷанд: Мероҷ, 2014. – С. 141-145.

**[9-М].** Муносибати маҳаллии бархе аз унсурҳои луғавӣ ва шарҳу тафсири онҳо дар «Ғиёс–ул–луғот»- и Ромпурӣ [Матн] // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ /А.Раҳимов.–Душанбе. 2015. №2(13).–С. 273-276.

**[10-М].** Боқимонии вожаҳои иқтибосии ҳиндии « Ғиёс–ул–луғот» дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] //Сунъи беҳин / А. Раҳимов. –Хуҷанд: Ношир, 2017. –С. 272-282.

**[11-М].** Вожаҳои ҳиндӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ [Матн] // Забон-рукни тоат. (Маҷаллаи илмии ДМТ) / А.Раҳимов. –Душанбе, 2020, №12.–С. 157-165.

**[12-М].** Вожаҳои арабии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва шарҳи онҳо дар «Ғиёс-ул-луғот» [Матн] // Забон-рукни тоат (Маҷаллаи илмии ДМТ) –Душанбе, 2022. –С. 143-150

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович аз тарафи доктори илми филология, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе **Мухторов Зайниддин Мухторович** навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз пешниҳод кардааст, ки назари муҳаққиқони ҷудогона дар матни таҳқиқ зикр карда шаванд. Назари интиқодии худи муаллиф низ ба пажуҳишҳои пешин каме камрангтар нишон нишон дода шудааст. Инчунин муқарриз қайд намудааст, ки маводи мавриди таҳқиқ басо арзишманд буда, бисёр хуб мебуд, ки унвонҷӯ ба ҷиҳатҳои этнолингвистӣ ва лингвофарҳангии масъала низ таваҷҷуҳ менамуд. Дар ин сурат натиҷагириҳои илмии ҷолибтар ба даст меомаданд.

2. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон **Раҳмонова Наргис Шариповна** ирсол гардидааст. Муқарриз натиҷаҳои таҳқиқотро мусбат арзёбӣ карда пешниҳод менамояд, ки дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ бартараф карда шаванд.

3. Дар тақризи номзади илми филология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб номзади илми филология **Чоршанбеева Зайнабхон Ашӯровна** дар баробари баҳои мусбат ба фишурдаи диссертатсия се эрод нишон дода шудааст. Чунончи, дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ амсоли якҷоя омадани якчанд калима, вуҷуди фосилаи васеъ дар баъзе мавридҳо, ба ҷойи тире (– ) омадани нимтире (-) ба мушоҳида мерасад. Дар фишурда баъзе фикрҳои такрор низ ба назар мерасанд.

4. Муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ, номзади илми филология **Бобоева Мадина Маруфовна** дар тақризи худ ба автореферат кори унвонҷӯ Раҳимов Абдулқосим Ибрагимовичро таҳқиқоти баанҷомрасида шуморида, муаллифи онро шоистаи дараҷаи номзади илми филология медонад ва таъкид менамояд, ки дар фишурдаи кор хатоҳои техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

5). Дар тақризи худ муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илми филология **Амлоев Аминҷон Ятимович** ба фишурдаи кори унвонҷӯ Раҳимов Абдулқосим баҳои мусбат дода, аз мустаҳкам будани дастгоҳи илмии кор ёдовар шудааст. Дар баробари ин, пешниҳод менамояд, ки ғалатҳои роҳёфта, аз қабили таҳрирталаб будани баъзе ҷумлаҳо ва чанде аз хатоҳои имлоию техникӣ дар оянда бартараф карда шаванд.

6.Мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илми филология, дотсент **Назаров Мехрубон Ниёзмадович** таҳқиқоти муҳаққикро кори илмии анҷомёфта ҳисобида, дар баробари ин, қайд кардааст, ки дар фишурдаи рисола баъзе фикрҳо ба таври такрор омадаанд. Инчунин ба фишурда чанд адад хатоҳои теҳникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки дар ҳамаи тақризҳо ба автореферат муқарризон диссертатсияро таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида, муаллифи онро сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология донистаанд.

Муқарризони ғайрирасмӣ низ аҳамияти диссертатсияро дар рушди забоншиносӣ таъкид намуда, дар баробари дастовардҳои илмӣ роҷеъ ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва вазифаҳои минбаъдаи унвонҷӯ пешниҳодҳои хешро зикр кардаанд.

**Муқарризони расмӣ** ва **муассисаи тақриздиҳанда** мутахассисони шинохтаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар соҳаи мавзуи таҳқиқот асарҳои илмӣ ба табъ расонидаанд, ки онҳо баҳри пешрафти илми забоншиносӣ мадад хоҳанд кард.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а яке аз марказҳои маъруфи ҷумҳурӣ ва берун аз он маҳсуб ёфта, олимонаш дар таҳқиқи масъалаҳои муқоисаи типологии забонҳо нақши назаррас доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки мавзуъ ва мухтавои диссертатсия дархури талаботи айём мебошад ва ба муаллифи рисола муяссар гардидааст, ки дар муайян намудани роҳҳои маҳфузмонии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрӣ аз муътабартарин луғатномаҳои чоряки аввали асри XIX- “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ таҳқиқоти мукаммалеро ба анҷом расонад.

Дар рисола нахустин маротиба дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба андешаи рӯшанӣ андохтан ба нуктаҳои мавҳуми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои дигари эронӣ ва ғайриэронӣ истифода гардидаанд. Дар рисола нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳчаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон дода шудааст, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ инъикос гардидааст.

Боби аввали рисолаи мавриди муҳокима **«Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»** ном дошта, унвонҷӯ дар панҷ фасли он оид ба мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсурҳои эзоҳёбанда ва корбурди ин гуна унсурҳои луғавӣ аз ҷониби муаллифи «Ғиёс-ул-луғот”, инчунин шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» маълумот дода шудааст.

Андешаҳои Ромпурӣ дар мавриди маҳз ба кадом минтақаи Мовароуннахр, Хуросону Эрон ва м. инҳо тааллуқ доштани чунин воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои ҳар кадомашон ба таври возеҳу равшан нишон дода шудаанд.

Аз таҳлил ва қиёсу муқобалаи маводи гирдомада унвонҷӯ ба бардоште расидааст, ки силсилае аз унсурҳои луғавии дар фарҳангномаи мазкур дарҷёфта ва дар айни ҳол дар лафзи мардуми тоҷикзабон, ба хусус минтақҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистон маҳфузмонда дар ҳамон гузаштаи дур аз лиҳози қаламрави корбурдашон ягона набуда, ҳиссае доираи фарохи гардиш ва дастаи дигар маҳдудистифода будаанд.

Дар се фасли **боби дуюм - «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»**-пойдормонии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар "Ғиёс-ул-луғот" мустаъмал, инчунин боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно баррасӣ шудааст. Дар луғатномаи мазкур дар қатори бисёр калимаҳои эзоҳшаванда чунин унсурҳои луғавие низ дучор меоянд, ки ҳам дар замони муаллиф, ҳам дар давраи ҳозира хусусияти лаҳҷавӣ дошта, дар минтақаҳои муайяни тоҷикнишин ба кор мераванд.

Бархе аз ин гуна калимаву таркиб ё ибораҳо унсурҳои луғавии нодире ба шумор меоянд, ки дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ пойдор монда, онҳоро аз таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пайдо намудан бисёр душвор аст. Қиёси гурӯҳе аз вожаҳои дар луғатномаи мазкур шарҳёфта бо таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҳозира нишон медиҳад, ки онҳо дар гуфтори мардуми ҷанубу шимоли имрӯзаи Тоҷикистон на танҳо истифода мешаванд, балки илова ба маънои пештара боз тобишҳои нави маъноиро соҳиб шудаанд.

Кулли унсурҳои луғавии дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ маҳфузмондаи "Ғиёс-ул-луғот" аз рӯйи хусусияти пойдормонияшон ба онҳое ҷудо мешаванд, ки ҳоло бидуни тағйирот дар ҳар ду гурӯҳи лаҳҷаҳо ба кор мераванд; дар баъзе лаҳҷаҳо ба як маънои мушаххас, вале дар дигаре ба чанд маъно мустаъмаланд; дар яке ба як гунаи мушаххас, дар дуюмӣ ба чанд шакл истифода мешаванд; бархе аз чунин унсурҳои луғавӣ имрӯз дар яке аз лаҳҷаҳои тазаккурёфта гардиш доранд.

Боби сеюми рисола – "**Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** - фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл буда, дар чунин бахшҳо мансуб будани иқтибосҳои дар "Ғиёс-ул-луғот" мавҷуда ва дар лафзи тоҷикони минтақаҳои ҷанубу шимоли Тоҷикистони имрӯза маҳфузмонда ба забонҳои дигари эронӣ (мисли портӣ, суғдӣ), арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва туркӣ нишон дода шудааст. Аз таҳлили теъдоди чунин калимаҳо бармеояд, ки дар қиёс бо иқтибосҳои забонҳои дигари эронӣ чун портиву суғдӣ ва баъзе забонҳои дигари ғайриэронӣ, амсоли юнонӣ миқдори вомвожаҳои ҳиндиву арабӣ бештар буда, дар байни онҳо калимаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ба ҷуз "Ғиёс-ул-луғот" дар ҳеҷ яке аз фарҳангномаҳои тафсирии гузаштаи ба унвонҷӯ дастрас дида намешавад.

Ҳиссае аз иқтибосҳои арабии "Ғиёс-ул-луғот" дар лаҳҷаҳои муосири мавриди таҳлил мисли калимаҳои эрониасл бо таҳаввулоти шаклу маъно ё бо дигаргунии танҳо маъно пойдор мондаанд.

Ҳангоми ташреҳи мансубияти забонии вожаҳои туркиасли луғатномаи мазкур Ромпурӣ гоҳе решаи туркӣ доштани иддае аз онҳоро таъкид кунад, гоҳе хомӯширо ихтиёр менамояд. Теъдоди чунин унсурҳои луғавии дар лаҳҷаҳои ҳозира побарҷомонда кам набуда, қисми бештарашон дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҳиссаи камашон дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маҳфуз мондаанд.

Натиҷаҳои пажуҳиши мазкурро метавон дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ оид ба лаҳҷашиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, таълифи фарҳангномаҳои этимологӣ истифода бурд. Маводи рисоларо метавон ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ», «Лаҳҷашиносии таърихӣ», курсу семинарҳои махсус мавриди омӯзиш қарор дод. Инчунин натиҷаҳои умдаи рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кӯмак расонанд.

Саҳми бевоситаи муҳаққиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар ҷараёни таҳлил кӯшидааст, ки сабабҳо, усулҳо ва хусусиятҳои боқимонии унсурҳои луғавии дар “Ғиёс-ул-луғот” истифодагардидаро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии ҳозираи тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашад.

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 22-юми феврали 2023-юм дар бораи ба Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович додани дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул кард.

Дар Шурои диссертатстионӣ дар овоздиҳии пинҳонӣ 14(1 нафар ба тариқи онлайнӣ) нафар аъзо иштирок доштанд, аз ҷумла, 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

**«Тарафдор»** - «14» нафар(1 нафар ба тариқи онлайн);
**«Зид»** - нест;
**«Варақаи беэътибор»** - нест.

**Муовини раиси маҷлиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, профессор** Мирзоюнус М.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология, дотсент** Шарипова М. З.

**22-юми феврали соли 2023-юм**